**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Солиев Беҳрӯзҷон Назарович дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ», барои дарёфти унвони илмии номазади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12. - Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор**

Солиев Беҳрӯзҷон Назарович Донишкадаи молия ва иқтисодӣ Тоҷикистонро соли 2012 аз рӯи ихтисоси «Бизнес-омор» бо дипломи аъло хатм кардааст. Пас аз хатми донишкада аз соли 2012 фаъолияти омӯзгории худро ба сифати ассистенти кафедраи суғуртаи Донишгоҳи молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон оғоз намудаст. Соли 2016 ба тариқи интиқол аз вазифаи ассистенти кафедраи суғурта ба вазифаи ассистенти кафедраи омори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон гузаштааст.

Аз соли 2017 унвонҷӯи кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад. Дар ин давра дар якчанд конфренсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Аз соли 2012 сар карда, Солиев Б.Н. ба таҳқиқоти масоили омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ, омӯзиши омории шарти дастрасии қарзҳои бонкӣ машғул мебошад.

Дар раванди иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ Солиев Б.Н. имтиҳоноти номзадиро бо муваффаққият супорида, 8 корҳои илмӣ дорад, ки аз он 2-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Федератсияи Россия ва 1-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

Муаллиф мавзӯи диссертатсияи номзадиро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳимияти онро асоснок намудааст. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи ба он алоқаманд корҳои илмии назарияви муҳақиқон-иктисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалӣ ва омориро васеъ истифода будааст. 3

Дар давраи кунунӣ диссертатсия се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, асосҳои назариявӣ ва методологии омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ баррасӣ гардида, мукамалгардонии консепсияи умумии он пешниҳод карда шудааст, инчунин системаи нишондиҳандаҳои омории шартҳои қарзи бонкӣ коркард карда шуда, усули таҳлили омории шартҳои қарзи бонкӣ дида баромада шудааст. Дар боби дуюми рисола таҳлили таъсири нишондиҳандаҳои омилҳои ба сатҳи таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ дида шудааст. Ба ғайр аз ин, модели иқтисодӣ-омории таҳлили омилии таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ, баҳодиҳии омории таъсири индикаторҳои асосии шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёт баррасӣ шудааст. Дар боби 3-юми диссертатсия самтҳои ташкил ва инкишофи таҳқиқоти омории шартҳои дастрасии қарзи бонкӣ, таҳлили омории бозори қарзи бонкӣ ва дурнамои инкишофи таҳқиқоти омории шартҳои қарзи бонкӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ-методологии омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллиро илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гудошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконят фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмилдиҳии усулҳои омӯзиши омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ мухтасар баён намояд.

Диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳаллӣ масъалаҳои назариявию-ташклиии таҳқиқоти омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад. Доштани малакаи таҳлили оморӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар амалия санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳамияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳо аз тарафи бонки

миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ аз аҳамияти амалиии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар раванди иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ, ҷамбаст карда шудааст, усулҳои гуногун, муқоисакунӣ, комплексӣ, таҳлилӣ, оморӣ, риёзӣ ва ҷамъбасткунии маводи оморӣ, таҳлил коррелятсионӣ ва ғ. истифода карда шудааст.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои дар боло қайд кардашударо ба назар гирифта ҳисоб менамоем, ки Солиев Б.Н. вазифаҳои расидан ба мақсади таҳқиқотро бомуваффақият иҷро намудааст.

Рисолаи диссертатсионӣ мантиқан ба анҷом расида, ва кори илмии мустақилона иҷрошуда буда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамбасти илман-асоснокардашуда ва тавсияҳои амалии оид ба мукамалгардонии усулҳои омӯзиши иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ равона шудааст.

Сохтор, мӯҳтаво ва сифати барасмиятдарории рисолаи диссертатсионӣ ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 08.00.12. Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Декани факултети баҳисобгирию иқтисодии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Калемуллоев М.В.**

Имзои Калемуллоев М.В.-ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсусӣ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**